# БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

## Шарҳи моҳонаи таваррум• Январи 2018

**Тибқи маълумоти омори расмӣ сатҳи таваррум дар моҳи январи соли ҷорӣ 0,4 фоизро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин моҳи соли қаблӣ (2017) ба андозаи 0,2 банди фоизӣ (б.ф.) кам мебошад.**

**Сатҳи таваррумӣ солона (дар 12 моҳи охир) дар моҳи январ то 6,5 фоиз аз 6,7 фоизи моҳи декабри соли 2017 поён рафт. Нишондоди мазкур мувофиқ ба ҳадафи мақсадноки муайянкардаи Бонки миллии Тоҷикистон 7 (±2%) фоизи солона тағйирёбии муайян дорад (ниг. ба диаграмма).**

Таваррумӣ моҳона ва солона, бо %
(манбаъ: Агентии омор)




Саҳми маҳсулоти хӯрокворӣ, ки ҳиссаи он дар сабади истеъмолии таваррум 57,8 фоизро ташкил медиҳад, дар таваррумӣ солона 4,1 б.ф., маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ 1,2 б.ф. ва хизматрасониҳо 1,2 б.ф.-ро ташкил намуд.

Пуёи тағйирёбии намояи нархҳои истеъмолӣ нишон медиҳад, ки тағйирёбии маҳсулоти хӯрокворӣ ва ғайрихӯрокворӣ дар таваррумӣ ҳосилшуда тамоюли муътадилро идома дод.

Афзоиши гурӯҳи нархҳои истеъмолӣ ва саҳми сохтории он дар таваррум, бо % солона
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




Дар сохтори тағйирёбии нисбии сатҳи таваррум таъсири омилҳои кӯтоҳмуддати ғайримонетарӣ, аз ҷумла омили мавсимӣ аз ҳисоби афзоиши нарху тарифаҳои хизматрасонии маъмурӣ асосӣ буданд.

Дар баробари омилҳои болозикр дар моҳи баррасишаванда сатҳи муътадилии талаботи дохилӣ, вазъи боэътидолии бозори дохилии асъор ва қурби асъор ба авҷ наёфтани интизориҳои таваррумӣ мусоидат намуд.

**Бо дарназардошти вазъи ҷорӣ ва маҳдуд боқӣ мондани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ, интизор меравад, ки дар нимаи аввали соли ҷорӣ сатҳи таваррумӣ солона то андозае коҳиш ёфта, дар интиҳои сол ба сатҳи нишондиҳандаи мақсадноки пешбинишуда бармегардад.**

Ҳадафи мақсадноки таваррумӣ солона барои давраи миёнамуҳлат, бо %
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Сатҳи таваррумӣ аслӣ,* ки тамоюли дарозмуддати нархҳоро бе таъсири лаппишҳои кӯтоҳмуддат инъикос менамояд, дар моҳи январи соли ҷорӣ бетағйир[2] ҷамъбаст гардида, бо арзёбии солона ба 1,6 фоиз[1] баробар шуд.** Ба ин раванд муътадил будани сатҳи нархҳои маҳсулоти тайёри хӯрокворӣ (маҳсулоти гӯштӣ, маҳсулоти ширӣ, равғани растанӣ ва ҳайвонот), маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ (маводи шустушӯӣ ва доруворӣ) ва хизматрасониҳои дар таваррумӣ аслӣ ба ҳисоб гирифташаванда (аз ҷумла, хизматрасониҳои маишӣ) бештар саҳмгузорӣ намуданд.

**Дар пуёи тағйирёбии ғайриаслии таваррум (гурӯҳи нархҳои истеъмолие, ки дар ҳисоби таваррумӣ аслӣ истисно мегарданд) мушоҳида кардан мумкин аст, ки**

**поёнравии нархи бархе аз маҳсулоти хоми хӯрокворӣ дар моҳи январи соли 2018 нисбат ба моҳи қаблӣ ба назар расид.** Аз ҷумла, нархҳои маҳсулоти хоми хӯрокворӣ, асосан аз ҳисоби коҳишёбии нархи моҳонаи пиёз (-4,1% м/м ё 1,6 маротиб с/с), карам (-4,0% м/м ё -23,1% с/с), картошка (-2,2% м/м ё 38,1% с/с), гӯшти гов (-0,6% м/м ё 15,0% с/с), орди навъи 1 (-1,0% м/м ё 0,2% с/с), биринҷ (-0,5% м/м ё -7,0% с/с), равғани пахта (-1,9% м/м ё -2,8% с/с) ва шакар (-1,8% м/м ё -7,3% с/с) ба амал омад. Дар баробари ин, вобаста аз таъсири омилҳои мавсимӣ ва таклифот, нархҳои сабзӣ (11,2% м/м ё 11,6% с/с), бодиринг (3,8% м/м ё 2,2 маротиб с/с), тухм (0,9% м/м ё 0,1% с/с), ангур (10,6% м/м ё 23,5% с/с) ва себ (6,4% м/м ё -15,1% с/с) дар моҳи январ раванди афзоишёбӣ доштанд.

Болоравии **нархи маводи сӯзишворӣ** бештар дар семоҳаи чоруми соли 2017 мушоҳида гардида буд, ки асосан бо омили пешниҳодот ва аз ҳисоби нархҳои воридотӣ аз кишварҳои содиркунандаи маҳсулоти нафтӣ арзёбӣ мегардад. Илова ба ин, болоравии нархи ҷаҳонии маводи сӯзишворӣ низ то ба андозае ба болоравии нархи он дар кишвар таъсир расонид.

Дар моҳи январ нархи маводи сӯзишворӣ раванди коҳишёбӣ дошта (-1,5% м/м ё 25,9% с/с), бинобар сабаби ба сатҳи мувозинатӣ баргаштани талаботу пешниҳод, ки ба муътадилгардии нархи он мусоидат намуд, арзёбӣ мегардад.

**Нархи хизматрасониҳои маъмурӣ** бошад, дар ин моҳ вобаста аз афзоишёбии нархҳои хизматрасонии нақлиёти ҳавопаймо (57,5% м/м ё 14,8% с/с) бо нишондоди мусбӣ ҷамъбаст гардид (0,4% м/м ё 1,1% с/с), ки раванди мазкур омили мавсимӣ буда, он кӯтоҳмуддат ва гузаранда арзёбӣ мегардад.

**Бонки миллии Тоҷикистон сиёсати пулию қарзии шаффоф ва пайгиронаро амалӣ намуда, истифодаи фишангҳои монетарӣ ва асъорӣ, пеш аз ҳама меъёри бозтамвилро ҷиҳати танзими ҳаҷму арзиши пул ва бартараф намудани таъсири фишорҳо ба сатҳи нархҳо ва ба ин васила ноил гардидан ба ҳадафи мақсадноки таваррум равона менамояд.**

**Таварруми аслӣ, бо %, солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Таваррумӣ ғайриаслӣ, бо %, солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




[1]- с/с – сол нисбат ба сол (тағйирёбии солона)
[2] - м/м – моҳ нисбат ба моҳ (тағйирёбии моҳона)

***Дар ҷаласаи навбатии Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон, ки 2 августи соли 2017 баргузор гардид, Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати гузариш аз низоми ҳадафгирии нишондиҳандаҳои монетарӣ ба низоми ҳадафгирии таваррум, нишондиҳандаи мақсадноки таваррумро барои давраи миёнамуҳлат муқаррар ва нашр намуд.***

**- Таваррумӣ аслӣ, ки тамоюли дарозмуддати нархҳоро бе таъсири лаппишҳои кӯтоҳмуддат инъикос менамояд бо мақсади баҳодиҳӣ ва таҳлили ҷараёни доимии тағйирёбии сатҳи нархҳо дар асоси маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Агентии омор) аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ҳисоб карда мешавад. Ҳамчун яке аз қисматҳои таркибии таваррумӣ умумӣ (намояи нархҳои истеъмолӣ) таваррумӣ аслӣ раванди устувор ва дарозмуддати тағйирёбии нархҳоро, ки зери таъсири омилҳои талаботи дохилӣ ва монетарӣ ба вуҷуд омадааст, инъикос менамояд. Усули асосии ҳисоби таваррумӣ аслӣ - усули истисноӣ буда, он бо роҳи хориҷ кардани номгӯи алоҳидаи маҳсулот ва хизматрасониҳои тамоюли тағйирёбии зиёд дошта, ки бо тағйирёбии аслии сатҳи нархҳо алоқаманд нест, ҳисоб карда мешавад. Аз сабади намояи нархҳои истеъмолӣ номгӯи маҳсулоти бо лаппишҳои кӯтоҳмуддат ва гузарандаи аз таъсири омилҳои ғайримонетарӣ вобастабуда, аз ҷумла омилҳои таклифот (нархҳои ҷаҳонӣ, шароити табиӣ), мавсимӣ ва маъмурӣ хориҷ карда мешаванд. Яъне, дар ҳисоби таваррумӣ аслӣ маҳсулоти хоми хӯрокворӣ, маводи сӯзишворӣ ва хизматрасониҳои маъмуран танзимшаванда ба инобат гирифта намешаванд.

**Намояи нархҳои истеъмолӣ**

| | Вазн,% | тағйирёбии солона,% | | | | | | | | | | | | | | | Январ, тағйирёбии моҳона,% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2015 | 2016 | 2017 | | | | | | | | | | | | 2018 | |
| | | | | Январ | Феврал | Март | Апрел | Май | Июн | Июл | Август | Сентябр | Октябр | Ноябр | Декабр | Январ | |
| **Таваррум** | **100,0** | **5,1** | **6,1** | **5,3** | **5,9** | **7,3** | **8,1** | **8,7** | **9,0** | **8,9** | **7,7** | **6,7** | **7,0** | **6,7** | **6,7** | **6,5** | **0,4** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **55,4** | **3,8** | **6,4** | **4,8** | **6,0** | **8,8** | **10,2** | **11,8** | **12,3** | **12,2** | **10,2** | **8,4** | **8,3** | **8,6** | **7,7** | **7,3** | **-0,1** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 19,2 | 9,1 | -2,5 | -5,2 | -4,1 | -2,5 | -1,0 | -1,4 | -1,4 | -1,9 | -1,9 | -1,1 | -0,8 | -0,8 | -0,8 | -0,9 | -0,7 |
| Биринҷ | 3,3 | 11,6 | -9,2 | -8,6 | -9,5 | -13,3 | -13,5 | -13,7 | -13,9 | -13,3 | -12,9 | -12,1 | -10,5 | -7,8 | -6,9 | -7,0 | -0,5 |
| Орд | 11,9 | 7,8 | -3,0 | -7,2 | -5,0 | -1,0 | 1,8 | 1,3 | 1,5 | 0,8 | 0,9 | 1,8 | 1,6 | 0,7 | 0,3 | 0,2 | -1,0 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 9,0 | -10,2 | 3,7 | 3,9 | 2,4 | 1,8 | 7,2 | 11,5 | 12,4 | 14,2 | 12,8 | 12,7 | 13,4 | 14,0 | 13,8 | 14,0 | -0,5 |
| Гӯшти гов | 5,9 | -14,3 | 3,2 | 3,5 | 1,2 | 1,3 | 8,3 | 14,2 | 15,1 | 16,9 | 14,7 | 14,4 | 14,9 | 15,8 | 14,7 | 15,0 | -0,6 |
| Тухм | 1,5 | 5,5 | 12,0 | 15,4 | 16,7 | 7,8 | 12,8 | 7,4 | 8,9 | 2,2 | 0,6 | 3,3 | -11,6 | -10,2 | 1,0 | 0,1 | 0,9 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 1,7 | 7,3 | 0,4 | 2,8 | 3,7 | 5,1 | 3,7 | 2,8 | 4,0 | 3,6 | 4,3 | 4,7 | 2,8 | 5,0 | 4,4 | 3,7 | 1,3 |
| Шир | 0,5 | 16,1 | -7,2 | -1,7 | 3,4 | 5,0 | 0,7 | 0,1 | 4,7 | 3,7 | 4,8 | 6,4 | 1,1 | 8,4 | 6,3 | 6,3 | 3,4 |
| Равғани растанӣ ва ҳайвонот | 5,3 | 12,7 | 11,3 | 6,1 | 5,8 | 6,0 | 6,2 | 5,8 | 5,0 | 4,1 | 4,5 | 5,0 | 3,6 | 4,7 | 1,3 | 0,0 | -1,1 |
| Меваҷот | 4,4 | 12,3 | 16,7 | 16,6 | 12,2 | 4,6 | 0,2 | -1,8 | -6,0 | -13,8 | -8,0 | -8,2 | -4,6 | -5,2 | -1,8 | -0,3 | 3,0 |
| Сабзавот | 7,1 | -12,4 | 16,5 | 18,6 | 30,1 | 58,2 | 57,2 | 73,8 | 79,5 | 77,5 | 58,6 | 43,6 | 48,3 | 49,3 | 40,2 | 37,1 | 0,4 |
| Шакар | 2,1 | 19,3 | 15,0 | 1,0 | 3,4 | 5,2 | 13,6 | 7,3 | 3,9 | 12,5 | 7,8 | 1,3 | -5,8 | -6,0 | -6,7 | -7,3 | -1,8 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,1 | 13,7 | 19,9 | 14,2 | 13,8 | 10,4 | 9,5 | 5,1 | 5,9 | 5,5 | 5,1 | 4,9 | 2,8 | 2,4 | 1,6 | 2,7 | 0,2 |
| **Хӯроки умумӣ*** | **0,9** | **14,9** | **19,9** | **19,9** | **17,9** | **17,9** | **17,9** | **17,9** | **17,9** | **14,3** | **14,3** | **4,9** | **2,5** | **5,7** | **2,7** | **2,7** | **0,0** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **1,5** | **15,9** | **11,8** | **12,2** | **10,0** | **9,1** | **8,6** | **6,2** | **8,1** | **6,7** | **6,8** | **6,9** | **6,7** | **6,6** | **6,2** | **6,2** | **0,0** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **27,4** | **7,9** | **5,7** | **5,2** | **5,0** | **4,4** | **4,6** | **4,0** | **3,9** | **3,8** | **3,8** | **4,4** | **3,9** | **3,7** | **4,4** | **4,3** | **0,1** |
| Либос ва пойафзол | 9,3 | 9,2 | 14,5 | 14,8 | 14,0 | 12,8 | 11,8 | 9,8 | 9,4 | 9,5 | 9,1 | 9,8 | 9,2 | 9,0 | 9,2 | 2,5 | 0,2 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 3,4 | 2,2 | -0,9 | 0,0 | 0,1 | 0,0 | 0,5 | 0,3 | 0,9 | 0,4 | 2,2 | 2,3 | 2,1 | 2,6 | 2,4 | 2,5 | 0,2 |
| Моводи шустушуӣ | 1,7 | 15,5 | 1,2 | 1,6 | 1,6 | 1,1 | 1,1 | 2,6 | 2,6 | 3,5 | 3,5 | 2,4 | 2,5 | 2,5 | 4,0 | 3,1 | 0,1 |
| Доруворӣ | 2,7 | 24,7 | 14,1 | 12,9 | 7,4 | 3,9 | 3,8 | 4,4 | 4,1 | 4,1 | 3,5 | 3,5 | 3,1 | 0,2 | 1,0 | 0,7 | -0,2 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 2,1 | -7,0 | 2,9 | -1,1 | 6,8 | 14,7 | 21,5 | 19,1 | 18,4 | 15,6 | 12,6 | 15,4 | 15,9 | 19,8 | 27,7 | 25,9 | -1,5 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 1,4 | 19,0 | 3,0 | 3,5 | 4,4 | 2,5 | 2,5 | 2,5 | 2,5 | 2,5 | 2,5 | 2,5 | 2,2 | 1,9 | 0,9 | 0,4 | 0,0 |
| Васоити нақлиёт | 0,7 | -2,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,3 | 7,6 | 7,1 | 6,8 | 5,3 | 5,1 | 5,0 | 5,2 | 5,2 | 6,0 | 8,4 | 11,1 | 8,7 | 8,1 | 8,6 | 7,3 | 0,0 |
| **Хизматрасониҳо** | **14,8** | **2,2** | **4,5** | **5,0** | **5,8** | **6,2** | **6,3** | **5,6** | **6,0** | **5,6** | **5,4** | **5,0** | **8,5** | **5,4** | **7,7** | **7,9** | **2,9** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 5,1 | 3,2 | 9,8 | 6,7 | 9,6 | 12,4 | 13,3 | 12,3 | 11,9 | 11,4 | 10,7 | 12,3 | 19,6 | 13,2 | 17,5 | 17,1 | -0,7 |
| Иҷорапулии манзил | 0,1 | 14,3 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Обтаъминкунӣ ва партовбарорӣ | 0,6 | 20,1 | 5,1 | 6,6 | 9,8 | 7,3 | 7,3 | 7,3 | 7,3 | 7,3 | 7,3 | 7,3 | 4,5 | 9,1 | 9,1 | 11,6 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 2,8 | 0,0 | 28,6 | 16,3 | 16,3 | 16,3 | 16,5 | 16,5 | 16,5 | 16,8 | 16,8 | 16,8 | 33,4 | 14,7 | 14,7 | 15,0 | 0,2 |
| Оби гарм | 0,0 | 14,6 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Газ | 1,0 | -6,3 | -6,6 | -9,4 | 0,9 | 13,5 | 17,5 | 12,3 | 10,8 | 9,0 | 6,5 | 13,3 | 11,3 | 19,3 | 40,1 | 35,7 | -6,1 |
| Нақлиёт | 4,1 | -2,3 | -1,4 | 1,7 | 1,4 | 0,2 | -0,3 | -0,5 | 1,1 | 0,9 | 1,2 | 0,2 | 3,2 | -0,2 | 2,8 | 5,0 | 10,6 |
| Алоқа | 1,8 | 0,8 | 0,0 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 0,0 | 0,0 |
| Маориф | 1,5 | 2,6 | 11,3 | 15,0 | 15,5 | 15,5 | 15,5 | 15,5 | 15,5 | 15,5 | 15,5 | 5,3 | 5,3 | 5,3 | 5,3 | 2,0 | 0,0 |
| Тандурустӣ | 0,8 | 14,0 | 1,9 | 3,6 | 1,7 | 1,7 | 1,7 | 1,7 | 1,7 | 1,7 | 1,7 | 1,7 | 1,7 | 1,7 | 1,7 | 1,3 | 1,3 |
| Маишӣ | 1,7 | 12,3 | 5,2 | 5,8 | 5,8 | 6,0 | 6,0 | 3,3 | 2,2 | 2,2 | 2,2 | 2,9 | 2,9 | 2,1 | 1,1 | 0,9 | 0,0 |

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо*